**ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРУЗАИ МАХСУСИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР БОРАИ ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚ БА БАРОБАРӢ ВА БАРҲАМ ДОДАНИ ҲАМА ГУНА ШАКЛҲОИ ТАБЪИЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025

**ДУШАНБЕ – 2026**

**МУНДАРИҶА**

ПЕШГУФТОР ............................................................................ 3

1. Фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 дар самти баробарӣ ва манъи табъиз ...................................... 6

2. Қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои баробарӣ ва озодӣ аз табъиз............................................................................................. 13

3. Иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқ ба баробарӣ ва озодӣ аз табъиз................................................................... 23

4. Ҳуқуқи маъюбон ба баробарӣ ва озод будан аз табъиз............................................................................................. 28

ХОТИМА................................................................................... 42

# ПЕШГУФТОР

Принсипи баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз яке аз пояҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низоми муосири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳисоб меравад. Ин принсип дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, дар як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафолати муҳимми таъмини шаъну шараф, ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як инсон муқаррар гардидааст. Баробарии ҳамаи шахсон дар назди қонун ва суд, новобаста аз ҷинс, миллат, нажод, забон, дин, эътиқод, маъюбият, синну сол, мавқеи иҷтимоӣ, вазъи молу мулкӣ ва дигар асосҳо шарти зарурии адолати иҷтимоӣ ва суботи ҷомеа маҳсуб меёбад.

Бо вуҷуди мавҷудияти заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, масъалаи пешгирӣ ва рафъи табъиз ҳамоно аҳаммияти худро гум накарда, дар амал татбиқи пурра ва самараноки ин принсип таваҷҷуҳи доимӣ ва чораҳои пайгиронаро тақозо менамояд. Дар шароити рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйирёбии иҷтимоӣ ва гуногуншаклии ниёзҳои аҳолӣ, таҳкими кафолатҳои баробарӣ ва таъмини ҳимояи муассир аз табъиз вазифаи муҳимми мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад.

Лозим ба ёдоварист, ки соли дуюм аст, ки маърузаи махсуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи вазъи

риояи ҳуқуқ ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз пешниҳод карда мешавад.

Маърузаи махсуси навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи баробарӣ ва манъи табъиз бо мақсади таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи воқеии риояи ин принсипҳо, арзёбии амалияи татбиқи қонунгузорӣ, ошкор намудани мушкилот ва камбудиҳои мавҷуда, инчунин, муайян намудани сабабу омилҳои пайдоиши ҳолатҳои табъиз таҳия гардидааст. Дар ҷараёни таҳияи маъруза маълумоти мақомоти давлатӣ, натиҷаҳои омӯзиши муроҷиатҳои шаҳрвандон, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи амалии татбиқи онҳо ва уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Дар маъруза ба масъалаҳои баробарӣ ва манъи табъиз дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла меҳнат, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Ҳамзамон, вазъи гурӯҳҳои осебпазир, аз қабили занон, кӯдакон, маъюбон, калонсолон ва намояндагони ақаллиятҳо мавриди таҳлили алоҳида қарор гирифтааст.

Ҳадафи асосии ин маъруза мусоидат ба таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии баробарӣ, пешгирии ҳама гуна шаклҳои табъиз, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва такмили сиёсати давлатӣ дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Маъруза хусусияти таҳлилӣ ва

тавсиявӣ дошта, хулоса ва пешниҳодҳои он метавонанд барои такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти дахлдор ва ташаккули муҳити таҳаммулпазиру одилона дар ҷомеа замина фароҳам оваранд.

Умед аст, ки натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба таҳкими принсипи баробарӣ, таъмини ҳимояи воқеии инсон аз табъиз ва рушди минбаъдаи ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд намуд.

# 1. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025 ДАР САМТИ БАРОБАРӢ ВА МАНЪИ ТАБЪИЗ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини баробарӣ ва манъи табъиз тибқи қонунгузории миллӣ ва ҳамзамон иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар доираи иштирок зимни татбиқи Конвенсияи СММ оид ба барҳам додани табъизи нажодӣ ва Конвенсияи СММ оид ба барҳам додани ҳама гуна табъиз нисбати занон пайваста чораандешӣ менамояд.

Ҳанӯз аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ зимни таҳияи Конститутсия масъалаҳои баробарӣ ва манъи табъиз ба инобат гирифта шуда, моддаи алоҳида бо мазмуни “Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.” пешбинӣ карда шуд.

Тибқи ин муқаррарот ва амалисозии тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои СММ оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи умумии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” 19 июли соли 2022 қабул карда шуд.

Ҳадафи қонуни мазкур ин таъмин намудани баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз ҷинс, миллат, дин, забон ва дигар аломатҳо мебошад.

Бинобар доштани мақоми махсус ва мустақил будани Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бармеояд, он ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти баробарӣ ва манъи табъиз муайян гардидааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз" ба мақоми ваколатдори давлатӣ як қатор ваколатҳо дар самти такмили қонунгузорӣ, қабул ва баррасии шикоятҳо, оштикунонии тарафҳои эҳтимоли табъиз, мониторинги риояи баробарӣ ва табъиз, пешбарии ҷамъоварии маълумоти оморӣ пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, ду ваколати муҳим вобаста ба экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва медиатсия (миёнҷигарӣ)-и тарафҳо дода шудааст, ки қабули санади зерқонунии алоҳидаро тақозо менамояд. Бо ин мақсад тибқи дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷҷикистон ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур дода шуда буд, ки Тартиби гузаронидани медиатсия ва Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддитабъизиро таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Новобаста аз чораҳои андешида, то ҳол санадҳои зерқонунии мазкур қабул нагардидаанд, ки ба

амалишавии самараноки қонун ва фаъолияти мақоми ваколатдор монеа эҷод мекунанд. Бо назардошти он ки қабул ва амалисозии қонуни мазкур яке аз таҷрибаҳои пешрафта дар минтақа мебошад ва созмонҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон ба амалишавии самараноки он пайваста таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, қабули ҳар чи зудтари санадҳои мазкур мувофиқи мақсад мебошад.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз соли 2025 кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9 ҷаласаҳои гурӯҳи корӣ, чорабиниҳои иттилоотӣ ва ВАО дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои мамлакат иштирок ва суханронӣ намуданд.

Аз ҷумла, санаи 15 майи соли 2025 кормандони мақомот дар ҷаласаҳои гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба муҳокимаи банди 28 Нақшаи миллии амалҳо оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ дар бораи барҳам додани табъиз нисбати занон барои солҳои 2025-2032, масъалаи ҳамроҳшавӣ ба тағйири сархати 1 моддаи 20 (CEDAW), санаи 20 июни соли 2025 дар гурӯҳи корӣ оид ба мутобиқсозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Принсипҳои Париж, санаҳои 9, 10 ва 13 июни соли 2025 дар вохӯрии шахсони тамоси вазорату идораҳо вобаста ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ (ШУД) дар самти ҳуқуқи инсон ва санаи 12

сентябри соли 2025 дар таҳияи лоиҳаи Конуни Ҷумҳури Тоҷикистон "Дар бораи медиатсия" иштирок ва суханронӣ намуданд.

Инчунин, кормандони мақомот бо мақсади такмил додани савияи дониш ва баланд бардоштани малакаи касбӣ, дар 31 чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок ва суханронӣ карданд.

Яке аз вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати татбиқи ҳамаҷонибаи қонунгузории соҳавӣ баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон мебошад. Бо ин мақсад, мунтазам кормандон ба омӯзиш ва курсҳои такмили ихтисос ҷалб карда мешаванд. Ин омӯзишҳо ба такмили дониши ҳуқуқӣ, пешгирии табъиз ва ҳимояи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон равона гардидаанд.

Дар ин раванд, корманди мақомот бо даъвати Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони САҲА дар курси "Омӯзишии идоракунии буҳронҳо дар муассисаи миллии ҳуқуқи инсон", ки санаҳои 14-15 октябри соли 2025 дар шаҳри Варшаваи давлати Лаҳистон баргузор гардид, иштирок намуд. Чорабинии мазкур намояндагони 25 Муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсон аз давлатҳои аъзои САҲА-ро ҷамъ оварда, барои иштирокчиён машғулиятҳои амалӣ, роҳҳои ҳалли мушкилоте, ки муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсон дар фаъолияти худ дучор мегарданд, омӯзонида шуданд.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти таъмини баробарӣ ва манъи табъиз имкон медиҳанд, ки таҷрибаи пешрафта

омӯхта шуда, дастовардҳои Тоҷикистон тарғибу ташвиқ карда шуда, банақшагирии иқдомҳои минбаъда ҷиҳати амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” роҳандозӣ гардад.

Вобаста ба ин, дар доираи сафари омӯзишии кормандони мақомот ба шаҳри Ҳелсинкии Финляндия, ки рӯзҳои 22-29 ноябри соли 2025 анҷом дода шуд, дар баробари масъалаҳои дигар, инчунин, таҳкими фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти ҳуқуқ ба баробарӣ ва озод будан аз ҳама гуна шаклҳои  табъиз баррасӣ гардид.

Ҳамчунин, дар доираи ин сафар таҷрибаи сохторҳои дахлдори Финляндия, аз ҷумла Агентии миллӣ оид ба таҳсилот, Вазорати маориф ва фарҳанг, Вазорати адлия, Фонди Абилис, Омбудсмени кӯдак,  Маркази волоияти қонун, Анҷумани Ҳуқуқшиносон ва Маркази ҳуқуқи инсони назди Парламенти Финляндия мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Маълум гардид, ки қонунгузории Финляндия оид ба табъиз ба Конститутсия ва як қатор қонунҳо, аз ҷумла қонун “Дар бораи баробарӣ” ва дигар санадҳои меъёрии соҳавӣ асос ёфтааст. Санадҳои мазкур табъизро дар асоси аломатҳои ҷинс, синну сол, баромад, забон, дин, маъюбӣ ва дигар хусусиятҳои фардӣ манъ намуда, баробариро дар назди қонун ва дар муносибатҳои меҳнатӣ таъмин менамоянд. Тибқи талаботи қонунгузорӣ табъиз ҷиноят буда, корфармо уҳдадор

аст, ки барои бартараф кардани он чораандешӣ намояд ва барои таъмини баробарӣ нақшаҳоро таҳия ва амалӣ кунад.

Қонунгузории Финляндия, ҳамчунин, ба баробарии гендерӣ нигаронида шуда, никоҳи маҷбуриро манъ намуда, ҳуқуқҳои баробарро барои мардону занон таъмин менамояд.

Ҳамчунин, корфармо уҳдадор аст, ки дар сурати бештар аз 30 нафар корманд доштан бояд дар корхона нақшаҳои алоҳидаро барои таъмини баробарҳуқуқӣ тасдиқ намояд.

Барои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони табъизшуда механизмҳои кумаки ройгон ва сомонаҳои махсус барои мурочиат пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи пешқадами Финляндия дар самтҳои болозикр метавонад ҷиҳати амалишавии самараноки қонунгузории зиддитабъизӣ мусоидат намуда, дар оянда зимни баррасии масъалаҳои фавқуззикр ба инобат гирифтани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Дар соли 2025 аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади муаррифӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз" ду баромади телевизионӣ, 6 мақола дар матбуоти электронӣ (сомона) ва 4 мақола дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла маҷаллаи Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон чоп гардидааст.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар самти ҳуқуқ ба баробарӣ ва манъи табъиз тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- тақвият додани фаъолияти гурӯҳи корӣ ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда вобаста ба мавҷуд будан ё набудани меъёрҳои табъизӣ ;***

***- тезонидани рафти баррасӣ ва қабули Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, Тартиби гузаронидани медиатсия оид ба баҳсҳои табъизӣ;***

***- ҳар чи зудтар қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи медиатсия".***

## 2. ҚАБУЛ ВА БАРРАСИИ МУРОҶИАТҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ БАРОБАРӢ ВА ОЗОДӢ АЗ ТАБЪИЗ

Самти муҳимми фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муроҷиати шаҳрвандон бармеояд, баррасии муроҷиатҳои шахсони вақеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои таъмини баробарӣ ва манъи табъиз маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, тибқи ҷадвали қабули муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, қабули сайёри муроҷиатҳо дар шаҳру ноҳияҳо, раванди қабул, бақайдгирӣ ва баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби роҳбарияти мақомот амалӣ гардида, ҷиҳати ҳалли мушкилоти муроҷиаткунандагон мусоидат карда мешавад.

Дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2025 дар самти баробарӣ ва манъи табъиз ҳамагӣ 15 адад муроҷиат, ки аз он 6 муроҷиати хаттӣ ва 9 муроҷиати шифоҳӣ қабул ва баррасӣ гардиданд. Муроҷиатҳо тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон тааллуқ доранд:

– табъиз аз рӯйи маъюбият – 3 адад (1 адад – 2024);

– сегрегатсия – 2 адад;

– таъқиб ва дахлнопазирии шахсӣ – 3 адад (5 адад – 2024);

– табъиз аз рӯйи вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ – 2 адад;

– таъқиб ва паст задани шаъну шараф – 2 адад (1 адад – 2024);

– табъизи гендерӣ – 2 адад;

– табъиз ҳангоми ҳисоби нафақа – 1 адад.

Мавриди зикр аст, ки мурочиатҳои воридгардида нисбати қарор ё амал (беамалӣ)-и субъектони зерин шикоят карда шудааст:

– нисбат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - 4 адад;

– нисбат ба Суди конститутсионӣ – 1 адад;

– нисбат ба маҳкумшудагони Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад;

– нисбат ба корманди муассисаи давлатии “Хона интернати маъюбони шаҳри Панҷакент” – 1 адад;

– нисбат ба шахси мансабдори давлатии Вазорати фарҳанг – 1 адад;

– нисбат ба ронандаи нақлиёти ҷамъиятии КВД “Автобуси-1”-и шаҳри Душанбе – 1адад;

– нисбат ба шахси воқеӣ – 5 адад.

Аз 15 мурочиат 13 адад дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ гардида, тибқи тааллуқдорӣ 1 адад ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва 1 адад ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои баррасии минбаъда ирсол карда шуданд.

Дар мурочиатҳо вобаста ба номутобиқатии қонунгузории миллӣ ба принсипи баробарӣ ва манъи табъиз ҳангоми ҳисоби нафақа, табъизи гендерӣ, таъқиб, табъизи

фарзанди маъюбашон дар ҷойи ҷамъиятӣ шикоят намуданд. Масалан, шаҳрванд Н.З. оид ба табъиз гардидани писари маъюбаш аз ҷониби ронандаи нақлиёти ҷамъиятии КВД “Автобуси-1”-и шаҳри Душанбе муроҷиат намудааст. Маълум гардид, ки писари аризадиҳанда аз рӯйи маъюбияташ аз корти нақлиётии “ройгон”, ки аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дода шудааст, истифода мебурдааст. Мушкилии писари аризадиҳанда дар он зоҳир мегардидааст, ки ҳангоми истифодаи корт, он на ҳама вақт кор мекардааст, ки мунтазам боиси нороҳатии онҳо ҳангоми истифода аз нақлиёти ҷамъиятӣ мегаштааст. Ҳамзамон, шаҳрванд Н.З. дар аризааш дарҷ намудааст, ки чунин ҳолат писари маъюбашро руҳафтода карда, ба саломатии равонии ӯ зарари ҷиддӣ расонидааст.

Баъд аз боз рух додани чунин ҳолат, кор накардани корти “ройгон”, ронандаи автобус кортро партофта, ба шахси маъюбиятдошта муносибати дағалона анҷом дода, суханҳои қабеҳ, ки шаъну шарафи маъюбро паст намудааст, анҷом дода, талаб намудааст, ки роҳкироро пардохт намояд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” ҳама шахсони маъюбиятдошта ба муносибати баробар бидуни табъиз ҳуқуқ дошта, табъиз намудани онҳо аз рӯйи маъюбияташон поймолсозии ҷиддии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад.

Пас аз омӯзиши ҳамаҷониба ва дастрас гардидани маводҳои иловагӣ ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои гузаронидани санҷиш ва чораандешӣ мактуби назоратӣ ирсол гардид, ки дар натиҷа тибқи иттилои МИҲД-и шаҳри Душанбе ҳолатҳои табъиз санҷида шуда, ронандаи автобус, ки қаблан низ нисбаташ шикоятҳо ворид гардидаанд, ҷазои интизомӣ татбиқ гардида, аз кор озод карда шуд. Вобаста ба корти "ройгон"-и мухлаташ гузашта маълум шуд, ки аз ҷониби лоиҳаи "Корти шаҳрӣ" ба писари аризадиҳанда корти нави нақлиётии "ройгон" дастрас гардидааст. Минбаъд аризадиҳанда ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои мусоидат дар барқарорсозии ҳуқуқи писари маъюбаш ибрози сипос намудааст.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки солҳои охир нақлиётҳои ҷамъиятии шаҳри Душанбе мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ таҷҳизонида шудаанд, ки боиси хушнудии шаҳрвандон гардидааст. Мутаассифона, пандусҳое, ки дар ҳар як автобус муҷаҳҳаз гаштааст, ҳангоми манъ кардан дар истгоҳҳо барои шахсони маъюбиятдошта ва занони бо кӯдакони хурд, ки бо аробача ҳаракат менамоянд истифода намешаванд, ки он  боиси нороҳатӣ ва сар задани ҳолатҳои табъиз мегардад. Истифодаи ин таҷҳизотҳо талаботи таъмини баробарӣ мебошад ва он бояд ба фаъолияти муқаррарии хизматрасониҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ворид карда шавад.

Таҳлили аризаи воридгардида аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳбарони хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ вобаста ба

ҳуқуқи маъюбон ва муносибати баробар бо онҳо ва одоби муошират бо мусофирон ва таҳқир накардани шахсони маъюбиятдошта дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бояд бо ронандаҳо суҳбатҳои бештар гузаронанд.

Маврид ба зикр аст, ки амали табъиз, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ё тавассути воситаҳои ахбори омма сурат мегирад, метавонад ба шахс ё гурӯҳи табъизшуда оқибатҳои вазнин дошта бошад. Табъиз дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва онлайн метавонад на танҳо ба ҷабрдидаи табъиз, балки ба ҷомеа низ зарари ҷиддӣ расонад. Он метавонад ба ташаккули стереотипҳои манфӣ ва ғаразнок мусоидат кунад, ки дар навбати худ метавонад шиддати иҷтимоиро боз ҳам шадидтар гардонад.

Хатари амали табъиз, ки ба таври оммавӣ амалӣ мегардад, метавонад барои дигарон намуна бошад ва дигаронро барои ҳамин гуна рафтор илҳом бахшад ва ҳисси нафрат ва таассубро дар ҷомеа ба вуҷуд оварад. Чунин амалҳо зараровaранд, зеро метавонанд боиси низоъ ва хушунат гарданд.

Дар қонунгузории давлатҳои Аврупо низ табъиз дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ВАО (интернет) ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи амали табъиз эътироф шудаанд. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои зикргардида ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳамзамон, дар соли 2025 вобаста ба масъалаҳои мушкилоти дастрасии иттилоот барои маъюбон ва пиронсолон, муносибати номуносиб нисбати шахсони пиронсол ва маъюб дар хона интернатҳои маъюбон, табъизи шахси ба бемории руҳӣ гирифторбуда, ҷудокунӣ ҳангоми адои ҷазо дар муассисаи ислоҳӣ, маҳалгаройӣ мурочиатҳо ворид гардиданд.

Масалан, шаҳрванд Қ.Т. санаи 25 августи соли 2025 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз муносибати номусоиди корманди муассисаи давлатии Хона интернати ҷумҳуриявӣ барои пиронсолон ва маюбон дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд шикоят намуда, иброз дошт, ки корманди муассиса М.Ф. нисбати ӯ хусумати шахсӣ пайдо карда, буду боши ӯро душвор намудааст. Бо истифода аз моддаи 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мурочиат дар ҷояш санҷида шуда, корманди мақомот бо кормандони муассиса М.Ф. суҳбати алоҳида доир намуд. Ҳамзамон, корманди мақомот зимни санҷиш аз шароит, таъминоти пиронсолон, дастрасии пиронсолон ва маъюбон ба табобат ва маводҳои тиббӣ, муносибати кормандон бо бошандагони муассиса дидан намуд. Дар натиҷа, маълум гардид, ки бинобар мутобиқат накардан ба мансаби ишғолнамуда ва муомилаи хуб надоштан бо бошандагон М.Ф. бо фармоиши директори муассиса аз 1 сентябри соли 2025 аз вазифаи ишғолнамудааш озод карда шудааст.

Мувофиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон” ва моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” яке аз мақсадҳои асосии фаъолияти мақомот баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ошкор намудани ҳолатҳои поймол гардидани ҳуқуқи инсон ва барқарор намудани онҳо, ба масъулият даъват намудани шахсони қарорқабулкунанда ва эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зарурати гузаронидани чорабиниҳои маърифативу ҳуқуқӣ дар соҳаҳои хизматрасонии ҷамъиятӣ ва муассисаҳои буду боши шахсони осебпазир масъалаи мубрами рӯз боқӣ мемонад.

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки одамон табъиз мешаванд, мансубияти маҳаллӣ мебошад. Баъзан ҷудокунии шахс бинобар мансубият ба ин ё он маҳал ё қисмати кишвар нақши калон бозида, боиси афзалиятдиҳӣ ба шахс ё маҳдудкунии ҳуқуқҳояшон мегардад. Масалан, шаҳрванд А.М. истиқоматкунандаи ҷамоати деҳоти Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба унвонии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шифоҳӣ муроҷиат намуда, шикоят намудааст, ки аз ҷониби ҳамсояҳояш бо сабаби аз маҳаллаи дигар буданаш зери таъқиб қарор гирифта, ҳатто кор то лату кӯб рафта, ҷароҳатҳои ҷисмонӣ гирифтааст.

Дар натиҷаи мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон нисбати ҳамсояҳои ҷабрдида аз ҷониби нозирони минтақавии

Шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, шаҳрвандон ба ҷавобгарӣ кашида шуданд. Ҳамзамон, дар раванди баррасии мурочиати мазкур муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” фаҳмонида шуда, таъкид гардид, ки маҳалгароӣ, ҷудосозии шахс аз рӯйи мансубият ба ин ё он минтақа мувофиқи моддаи 8 қонуни зикршуда табъиз буда, тибқи қонунгузорӣ ҷавобгарӣ муайян шудааст.

Мурочиати дигаре, ки ба унвонии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ворид гардид, ба ҷудокунии маҳкумшуда ҳангоми адои ҷазо дар муассисаи ислоҳӣ дахл дорад. Зимни мурочиати хаттӣ волидайни маҳкумшуда А.Л. иброз доштанд, ки фарзандашон дар муассисаи иҷрои ҷазо мавриди табъиз қарор гирифтааст. Нисбати ӯ аз ҷониби дигар маҳкумшудагон ҳолатҳои ҷудо кардан аз хӯрокхӯрии якҷоя, чорабиниҳои санитариву гигиенӣ (аз ҷумла рафтан ба ҳаммом), фаъолияти меҳнатӣ, сафоройӣ ва дигар шаклҳои иштирок дар ҳаёти дастаҷамъонаи муассиса раво дониста мешудааст. Мурочиати мазкур дар ҷояш санҷида шуда, ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои мавҷуда тавсияҳо дода шуданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин амалия дар асл ба ҷудосозии шахс ва маҳрум сохтан аз дастрасии баробар ба шароити нигоҳдорӣ оварда мерасонад, ки ӯро дар вазъияти номусоид қарор медиҳад.

Аз нуқтаи назари меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, чунин амалҳо метавонанд ҳамчун шакли ҷудокунии иҷтимоӣ ва тамғагузорӣ (стигматизатсия), инчунин, ҳамчун табъизи бавосита арзёбӣ гарданд, ки тибқи стандартҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон манъ карда шудааст.

Тибқи Қоидаҳои СММ оид ба стандартҳои ҳадди ақали муносибат бо маҳкумшудагон (Қоидаҳои Нелсон Мандела), кормандон на танҳо барои амалҳояшон, ҳамчунин, барои бетафовутӣ ё беамалиашон низ масъуланд. Дар ин робита, зарур шуморида мешавад, ки чораҳои пешгирикунандаи ҷудокунии иҷтимоӣ ва амалияҳои табъизомез дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ, таъмини вокуниши саривақтӣ аз тарафи маъмурият ба чунин ҳолатҳо, мониторинги риояи принсипҳои баробарӣ ва манъи табъиз дар муассисаҳои пенитенсиарӣ тақвият дода шавад.

Мувофиқи моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мардон ва занон, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона акди никоҳ банданд. Вале дар таҷриба, ҳолатҳои алоҳидае ба назар мерасанд, ки бо дахолати шахсони сеюм меъёри болозикр вайрон мегардад.

Масалан, ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шаҳрванд Э.А. муроҷиат намуда, иброз дошт, ки духтареро дӯст медорад ва хоҳиши барпо намудани оила бо ӯ дорад. Аммо, иброз дошт, ки волидони дӯстдоштааш духтарашонро бидуни иродаи ӯ ба шавҳар доданӣ ҳастанд.

Бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар якҷоягӣ бо кормандони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо волидайни духтар суҳбат гузаронида шуда, муҳтавои қонуни зиддитабъизӣ фаҳмонида, ҷавобгарӣ барои вайрон гардидани баробарҳуқуқии шаҳрвандон фаҳмонида шуд. Дар натиҷа, муроҷиаткунанда Э.А. бо духтари дӯстдоштааш аз қайди давлатии ақди никоҳ гузашта, зану шавҳари қонунӣ эълон гардиданд.

Аз натиҷаи баррасии 15 муроҷиат дар соли 2025 бештари муроҷиатҳо аз ҷониби маъюбон, пиронсолон, нафақахӯрон, шахсони дорои касалиҳои руҳӣ, шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ворид гардида, мавҷуд будани мушкилоти ҷомеаро дар самти таъмини баробарӣ ва табъиз шудани ин котегорияи одамон инъикос менамояд. Муроҷиатҳои хаттӣ асосан вобаста ба масъалаҳои табъизи шахси маъюб, дастрасии маъюбон ва пиронсолон ба иттилоот, табъиз ҳангоми ҳисоби нафақа, муносибати нобаробар ва таъқиб дар хонаи пиронсолон ворид гардидаанд.

Таҳлили гендерии муроҷиатҳо нишон медиҳанд, ки агар соли 2024 аз 11 муроҷиаткунанда ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 8 нафари онҳоро занҳо ташкил медоданд, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2025 тамоюл ба мувозинат дошта, аз 15 муроҷиат  7 муроҷиат аз ҷониби занон ворид гардидааст.

## 3. ИТТИЛООТОНӢ ВА МУСОИДАТ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДОН ОИД БА ҲУҚУҚ БА БАРОБАРӢ ВА ОЗОДӢ АЗ ТАБЪИЗ

Дар асоси фармоиши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2025 Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, дар заминаи он ҷиҳати амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” як қатор чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд.

Дар ин робита, аз ҷониби роҳбарият ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳрҳои Хоруғ, Гулистон, Ваҳдат, Конибодом, Ҳисор ва ноҳияҳои Мурғоб, Кӯшониён, Муминобод, Бобоҷон Ғафуров ва Файзобод чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд.

Чорабиниҳо бо иштироки шахсони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, кормандони сохторҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг, корҳои дин, танзими ҷашну маросим, кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рӯзноманигорон ва фаъолони ҷомеа доир гардиданд.

Бо ин мақсад, дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ низ чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд. Чунин чорабинӣ санаи 29 октябри соли 2025 дар Вазорати маориф ва илм бо иштироки 180 нафар шахсони масъули

вазорат, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ дар мавзуи пешгирии эҳтимолияти ҳолатҳои табъизӣ дар соҳаи маориф баргузор гардид.

Дар рафти чорабинӣ моҳияти Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, №652 тасдиқ гардидааст, вобаста ба таҳсил бидуни табъиз муаррифӣ карда шуд.

Консепсияи мазкур ба амалӣ намудани дастрасии баробар ба таҳсил барои ҳамаи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии наздик ба маҳалли зист ва оилаи онҳо қарор дошта, новобаста аз ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ равона гардидааст.

Мақсади таҳсилоти фарогир таъмини дастрасии ҳамаи шаҳрвандони синну соли мувофиқ ба гирифтани таҳсилот якҷо бо ҳамсолон дар муассисаҳои таълимӣ, қатъи назар аз вазъи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Бо ҳамин мақсад санаи 31 октябри 2025 дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарият ва кормандони соҳа, чорабинии иттилоотӣ гузаронида шуд.

Таъкид гардид, ки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ҳамчун мақоми ваколатдори соҳа, ҷиҳати танзими самаранокии бозори меҳнат, ба касбомӯзӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ, инчунин, баланд бардоштани

иқтисодиёти кишвар чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда, фаъолиятро дар ин самт дар асоси принсипҳои баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз новобаста аз ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ амалӣ менамояд.

Ҳамзамон, чунин чорабиниҳо дар Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки зиёда аз 280 нафар кормандони соҳа дар мавзуи табъиз дар соҳаи хизмати давлатӣ ташкил ва баргузор карда шуд.

Аз ҷумла, дар Агентии инноватсия ва технологияҳои рақами назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои табъиз тавассути интернет шарҳ дода шуда, ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои табъизӣ, ки истифода аз технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ рух медиҳанд, тавсияҳои дахлдор дода шуданд.

Ин намуди табъиз тавассути интернет рафтори такроршаванда буда, ба тарсонидан, хашмгин кардан, дар хиҷолат мондани шахси дигар нигаронида шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз замони қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз" то ин давра, кормандони

мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон,  дар бештари мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чорабиниҳои иттилоотӣ баргузор намуда, корҳо дар ин самт мувофиқи нақшаи барнома идома дорад.

Илова бар ин, бо мақсади дастрасии шаҳрвандон ба масъалаҳои таъмини баробарӣ ва манъи табъиз, шарҳу тавзеҳи қонуни мазкур ва гирифтани маълумотҳои иловагӣ, кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тавассути воситаи ахбори омма баромад намуда, маводҳои иттилоотиро таҳия ва нашр менамоянд. Аз ҷумла соли 2025 брашура дар мавзуи "Дар бораи табъиз чиро медонед?" бо теъдоди 50 нусха ба нашр расид.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани раванди иттилоотонӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти ҳуқуқ ба баробарӣ ва манъи таъбиз тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**- *тақвият додани иттилоотонӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ вобаста ба баробарӣ ва манъи таъбиз бо истифода аз тамоми воситаҳои қонунӣ;***

**- *тақвият додани раванди шарҳу тавзеҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз" дар байни аҳолӣ;***

**- *таҳким бахшидани ҳамкориҳои байни мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳолӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобаста ба манъи табъиз;***

- ***таҳияи нашри маводҳои иттиоотӣ дар самти баробарӣ ва пешгирӣ аз табъиз.***

## 4. ҲУҚУҚИ МАЪЮБОН БА БАРОБАРӢ ВА ОЗОД БУДАН АЗ ТАБЪИЗ

Ҳифзи ҳуқуқи маъюбон дар ҳуқуқи байналмилалии муосир бар пояи эътирофи маъюбият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфта, он на танҳо омилҳои тиббӣ, балки сифати ҳамкории мутақобилаи инсон бо муҳити атроф ва монеаҳои дар он мавҷударо дар назар дорад.

Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон, ки санаи 13 декабри соли 2006 бо Қатъномаи 61/106-и Ассамблеяи генералии СММ қабул гардидааст, муқаррароти мушаххас вобаста ба масъалаҳои баробарӣ ва фароҳам овардани имкониятҳоро ба ин қишри осебпазир дар бар мегирад. Таъмини имкониятҳои баробар барои шахсони маъюб омили муҳим дар иштирок ва ҳамгироии онҳо дар ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дигар стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи маъюбон, ба мисли Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳукукҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Протоколи факултативӣ ба Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон, Тавзеҳоти умумии Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият, Низоми Аврупоии ҳифзи ҳуқуқи инсон, Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат №159 оид ба тавонбахшии касбӣ ва шуғли маъюбон, Рӯзномаи СММ оид ба Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030

муқарраротҳои Конвенсияро пурра намуда, механизмҳои ҳимояро пуриқтидортар менамояд.

Маҳдудиятҳои ҷисмонӣ аксар вақт барои рафтан ба муассисаҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳо ё истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ монеъ мешаванд. Муносибатҳои ғаразнок дар ҷомеа маъюбонро аз ҳаёти фарҳангиву иҷтимоӣ ва муносибатҳои оддии инсонӣ дур мекунад. Маъюбон аъзои ҷомеа буда, ҳуқуқ доранд, ки дар маҳалли зисти худ зиндагонии шоиста дошта, ҳама гуна дастгирии заруриро дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, шуғл ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ бигиранд.

Таърихан, маъюбият ҳамчун хусусияти шахсӣ, ки дар худи инсон таҷассум меёбад, баррасӣ мешуд. Ҳамчун нуқсони инфиродӣ, «ҳолати маъюбият» сабаби табиии нотавонии баъзе одамон барои таҳсил дар мактабҳои умумӣ, дарёфти ҷойи кор ё иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ шуморида мешуд. Агар масъалаи маъюбият аз ин нуқтаи назар баҳо дода шавад, он гоҳ мавқеи ҷомеа танҳо бо модели тиббӣ ва модели хайриявии маъюбият маҳдуд мегардад.

Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ки дар тӯли чанд даҳсолаи охир дар фаҳмиш ва қабули маъюбӣ тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Таваҷҷуҳ ба шахс на ҳамчун фарди дорои ягон нуқсон, балки маъюбӣ ҳамчун натиҷаи ҳамкории фард бо муҳите эътироф мегардад, ки хусусиятҳои шахсро ба инобат мегирад ва иштироки ӯро дар ҳаёти ҷомеа маҳдуд ё манъ намекунад. Ин равишро модели иҷтимоии маъюбӣ

меномант. Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият ин моделро дастгирӣ намуда, онро пешбарӣ менамояд ва маъюбиро мустақиман ҳамчун масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон эътироф мекунад.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ умуман 172538 нафар шахсони маъюб дар соли 2025 ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора 54980 (31,8%) нафарашонро занон, 82177 (47,6%) нафарашонро мардон ва 35381 (20,5%) нафарашонро кӯдакон ташкил медиҳанд.

Аз ин лиҳоз, таъмини амалинамоӣ ва истифодаи тамоми ҳуқуқҳои дар Конвенсия дарҷгардида бидуни ягон табъиз ва кафолати пешниҳоди имкониятҳои баробар барои маъюбон мақсади асосии Конвенсия ба ҳисоб рафта, моддаи 5-и Конвенсия давлатҳоро уҳдадор намудааст, ки барои таъмини баробарӣ дар амалия нисбат ба маъюбон чораҳои мусбӣ ва фарогирро андешанд.

Қобили зикр аст, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 нисбати маъюбон чораҳои дахлдор андешида шудаанд. Чунончи, хизматрасониҳои тиббӣ ба маъюбон дар сатҳи тамоми муассисаҳои пешгирию табобатии госпиталӣ ва муассисаҳои шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ба пирони аз 80 сола боло, маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, инчунин, кӯдакони то 1 сола хизматрасониҳои тиббию табобатӣ ва ташхисӣ ройгон пешниҳод мегарданд.

Ҳамзамон, бо мақсади солимгардонӣ ва офиятбахшии шаҳрвандоне, ки бемориашон пурра бартараф нагардида, иллати маъюбӣ гирифтаанд, дар низоми тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 4 муассисаи хизматрасон фаъолият менамояд:

- Маркази давлатии «Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии бемориҳои дил» дар ноҳияи Муъминобод;

- Беморхонаи ҷумҳуриявии физиотерапевтии ба номи Абдусаттор Нурматов дар шаҳри Хуҷанд;

- Шуъбаи «Физиотерапевтӣ, табобати ҷисмонӣ ва маҳс» дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» дар шаҳри Душанбе;

- Шуъбаи тавонбахшӣ дар заминаи Маркази ташхису табобатии бисёрсоҳавии ноҳияи Данғара.

Мувофиқи иттилои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дигар чораҳо бо мақсади дастрасии маъюбон ба хизматарсониҳо таҷҳизонидани биноҳои истиқоматӣ, нақлиёти мусофиркашонӣ, роҳҳои эҳтиёҷотии пиёдагарди назди биноҳои хизматрасонӣ ба маъюбон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, таҳти №52 барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025" тасдиқ гардид.

Мувофиқи иттилоъ, дар биноҳои ба истифода додашавандаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дармонгоҳҳо, беморхонаҳо, иншоотҳои дигари соҳаҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, дастрасии

онҳоро барои маъюбон ба назар гирифта, ҳангоми сохтмони иншоотҳо, таҳияи лоиҳаҳои сохтмонии муассисаҳои соҳаҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ намудани роҳравҳои махсус (пандус) барои маъюбон ва насби лифтҳо дар чунин биноҳо, паст намудани девораҳои баландсангҳои гузаргоҳҳои пиёдагардон барои бароҳат ворид ва хориҷ шудан талаботи мазкур ба инобат гирифта шуда истодааст.

Дар асоси талаботи барномаи мазкур бо мақсади таъмини дастрасии захираҳои интернетӣ ва дастгоҳҳои алоқа, инчунин, пешниҳоди хизматрасониҳо дар соҳаи иттилоотонӣ ва алоқа ба гурӯҳи камҳаракати аҳолӣ, хусусан, шахсони маъюбиятдошта ва пиронсолон дар сомонаи вазорат www.moh.tj навиштаҷоти «Муҳити дастрас» кушода шудааст, ки шахсони маъюб метавонанд бидуни монеа ба он ворид гардида, маълумотҳои барояшон заруриро дастрас намоянд. Дар ин саҳифа дар ҳамкорӣ бо Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ҷиҳати таъмини дастрасии баробари маъюбон ба хизматрасонӣ ва объектҳои истифодаи умум дар 11 номгӯйи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ, тартиб ва дастурамалҳо, аз ҷумла, «Тартиби шиносномадиҳӣ ва шакли шиносномаи объектҳои амалкунандаи инфрасохтори иҷтимоӣ, нақлиётӣ ва муҳандисӣ дар мавриди дастрас будан барои маъюбон» ва «Тартиби мониторинги баҳодиҳии бино ва иншоот вобаста ба арзёбии риояи қонунгузории амалкунанда оиди дастрасии шахсони имкониятașон маҳдуд ва маъюб» ҷойгир карда шудаанд.

Ҳамзамон, дар ҷумҳурӣ, масъалаҳои таъини намояндаи маъюбон дар Парлумони кишвар баррасӣ гардида, ташаккули принсипи худтаъминкунии маъюбон, деинститутсионализатсияи пешниҳоди хизматрасонӣ ба маъюбон ба роҳ монда шуда истодаанд.

Қобили қайд аст, ки аз лаҳзаи қабули қонуни зиддитабъизӣ дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи маъюбон ба баробарӣ масъалаи мубрам боқӣ монда, таҳлили муроҷиатҳои ба мақомот воридгардида низ ҳаминро собит менамоянд. Муроҷиатҳои маъюбон ё намояндаҳои қонунии онҳо бештар хусусияти масъалаҳои табъизи институтсионалиро дар бар гирифта, гузаронидани чорабиниҳои (маҷмуӣ) умумиро, аз ҷумла такмили қонунгузории миллӣ, гузаронидани экспертизаи зиддитабъизии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мутобиққунии фаъолияти муассисаҳои давлативу хусусӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти шахсони маъюбиятдошта, тағйири таҷрибаи шаклгирифтаи фаъолияти муассисаҳо мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, чораҳои мутобиқсозии оқилона, таъмини муҳити дастрасро талаб менамояд. Масалан, соли 2023 шаҳрванд Т.Н. бо сабаби дучор шудан ба табъиз аз рӯйи маъюбияташ ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат карда, иброз намуда буд, ки аз сабаби гирандаи нафақаи маъюбӣ буданаш ба ӯ дар ишғоли мансаби холии хизмати давлатӣ рад намуданд, ҳол он ки шахс маълумоти

олӣ дошта, малака ва донишҳои кофӣ барои иҷрои вазифаро дошт.

Баъди омӯзиши ҳамаҷонибаи муроҷиати мазкур муайян гардид, ки дар Қонуни Чумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аломатҳои табъизӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар сархати чоруми моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” омадааст, ки агар шахс нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад.

Лозим ба ёдоварист, ки аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар робита ба ин масъала иброз гардид, ки ҳангоми тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” пешниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати бартараф намудани аломати табъизӣ, ба назар гирифта мешавад.

Рад намудани қабули шахси дорои маъюбият ба хизмати давлатӣ бо далели гирифтани нафақа дар амал маънои хориҷ кардани ин гурӯҳи шахсон аз дастрасӣ ба хизмати давлатӣ маҳсуб меёбад.

Гарчанде меъёри дахлдори қонунгузории миллӣ манъи қабули шахсони дорои маъюбият ба хизмати давлатиро пешбинӣ накунад ҳам, татбиқи он дар амал ба рафтори нобаробар оварда мерасонад, зеро шахсони дорои маъюбият аксаран нафақаро на аз рӯйи синну сол, балки бо сабаби маъюбият мегиранд. Аз ин нуқтаи назар, радкунӣ на ба қобилияти касбӣ, балки ба мақоми иҷтимоии шахс асос ёфта,

чунин амалия мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ табъизи бавосита ва институтсионалӣ ба шумор меравад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки маъюбон ҳуқуқ ба меҳнат доранд, ки ин меъёрро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Маъюбон метавонанд кору фаъолият намоянд ва ба дастовардҳо ноил шаванд. Дар ин замина, моддаи 7 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон табъизро дар муносибатҳои меҳнатӣ аз рӯйи аломатҳои миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк манъ намудааст. Аммо дар Кодекс мушаххасан масъалаи манъи табъиз аз рӯйи аломати маъюбӣ пешбинӣ нашудааст. Дарҷ нагардидани ин категорияи аҳолӣ дар Кодекс дастрасии маъюбонро ба меҳнат бидуни табъиз маҳдуд менамояд.

Тибқи сархати дуюми қисми 2 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз" Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ваколати гузаронидани экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дошта, хулосаи худро оид ба мутобиқатии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ медиҳад.

Аз ин лиҳоз, соли 2024 дар асоси аризаи шаҳрванди маъюб ва муқаррароти қонуни зиддитабъизӣ дар заминаи гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз"-и назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”, “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” таҳлил гардида, барои баррасии минбаъда ба гурӯҳи кории байниидоравӣ барои аз байн бурдани муқарраротҳои табъизӣ пешниҳод карда шуданд.

Мувофиқи иттилои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ маъюбон метавонанд тавассути квота ба кор қабул карда шаванд. Бо ин мақсад, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009, № 181 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ” дар корхона, ташкилотҳо ва муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ (агар шумораи воҳиди корӣ аз 20 кам набошад), квота дар ҳаҷми 6 фоизи шумораи умумии воҳиди корӣ муқаррар карда мешавад.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар 11 моҳи соли 2025, 7807 нафар шаҳрвандон ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта, бо ҷойҳои кории бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд. Аз шумораи умумии ба кор таъминшудагон тавассути квота, ки 3357 нафарро ташкил медиҳанд, танҳо 132 нафарашон ё 4 % - и маъюбон мебошанд. Ин нишондод дар соли 2024 – 149 ва дар соли 2023 – 153 нафарро ташкил дода, сол то сол кам шуда истодааст, ки эҳтимолияти табъиз шудани маъюбонро дар масъалаҳои таъмин бо кор нишон медиҳад.

Мутаассифона, вобаста ба шумораи умумии маъюбони қобили меҳнат дар ҷумҳурӣ аз вазорату идораҳои давлатӣ маълумот пешниҳод нагардид, вале новобаста аз ин, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ иттилоъ дод, ки Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандон ба касбомӯзӣ шартномаи ҳамкориро миёни марказҳои касбомӯзӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятию хайриявӣ низ ба имзо расонида, 162 нафар маъюб дар соли 2025 (106 нафар дар с.2024) ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият бо талаби фароҳам овардани муҳити дастрас маҳдуд намешаванд, балки аз давлатҳо талаб менамоянд, ки мутобиқшавии оқилона низ таъмин карда шавад. Мутобиқшавии оқилона вақте таъмин карда мешавад, ки ниёзҳои инфиродии шахс ба инобат гирифта шаванд, то монеаҳои мушаххасе, ки шахси дорои маъюбият бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, бартараф гарданд ва имкониятҳои баробар дар амал таъмин карда шаванд. Ин як воситаи муҳим дар мубориза бар зидди табъиз ва таъминоти фарогир дар соҳаҳои меҳнат, маориф, тандурустӣ, нақлиёт ва дигар бахшҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Масалан, соли 2024 ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шаҳрванд Ҷ.С. оид ба дар муассисаи таълимии томактабӣ қабул накардани духтараш М.Ш., ки маъюб мебошад, шикоят карда буд.

Зимни баррасӣ маълум гардид, ки мудири боғча бинобар дастрас набудани шароит ба ниёзҳои кӯдакони маъюбиятдошта дархости шаҳрвандро рад кардааст.

Дар натиҷа, бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ирсоли мактуби расмӣ ва гузаронидани суҳбату корҳои фаҳмондадиҳӣ бо масъулини Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 сентябри соли 2024 духтари шаҳрванд Ҷ.С. ба муассисаи таълимии томактабии №130-и ноҳияи Фирдавсӣ, ки ба талаботи маъюбон мутобиқ аст, ҷойгир карда шуд.

Аз муқаррароти қонуни зиддитабъизӣ бармеояд, ки муассисаҳо, корхонаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ухдадоранд фаъолияти худро ба талаботи шахсони маъюбиятдошта, аз ҷумла кӯдакони маъюб мутобиқ намоянд, инро дар қонун мутобиқшавии оқилона номидаанд. Зиёда аз ин, аз соли 2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи таълими фарогир амалӣ шуда истодааст ва вобаста ба он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" истилоҳи "таълими фарогир" ворид карда шуд.

Айни замон, дар ҷумҳурӣ 13 адад мактаб-интернатҳо барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва 540 синфҳои махсус фаъолият намуда, барои таълиму тарбия, кумаки тиббӣ, кумак намудан аз ҷиҳати руҳию равонӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ мутобиқ карда шудаанд.

Мувофиқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2025 – 35381 нафар кӯдаки маъюб дар

Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин шумора тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илм танҳо 7320 кӯдаки маъюб, аз ҷумла 2885 духтар ва 4435 писар дар муассисаҳои соҳаи маориф таҳсил менамоянд. Аз маълумоти зерин бармеояд, ки аз шумораи умумии кӯдакони маъюб танҳо 20 дарсади онҳо ба таълим фаро гирифта шудаанд, ки ин нишондиҳанда боз ҳам тақвият бахшидани корҳоро дар ин самт тақозо менамояд.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илм корҳо дар ин самт оғоз гардидаанд, аз ҷумла барномаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ ба мисоли "Барномаи тарбия ва таълими кӯдакони синни томактабии талаботи махсуси таълимидошта" ва "Дастурамали методӣ барои мураббиёне, ки бо кӯдакони талаботи махсуси таълимидошта фаъолият менамоянд" бо дарназардошти кӯдакони имконияташон маҳдуд барои мутахассисони зинаи таҳсилоти томактабӣ роҳандозӣ гардидаанд. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 694 нафар кӯдаки дорои талаботи махсус якҷо дар қатори ҳамсолон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Таълими фарогир маънои онро дорад, ки ҳар як кӯдак, аз ҷумла кӯдаки дорои маъюбият ҳуқуқ дорад ба муассисаи томактабӣ ва мактабӣ дар ҷойи зисти худ равад, якҷо бо дигар кӯдакон таҳсил кунад ва бо дастгирӣ ва мутобиқшавии зарурӣ таъмин карда шавад.

Вақте ки боғчаи кӯдакона дар қабули кӯдаки маъюбият бо баҳонаҳои надоштани шароити зарурӣ, надоштани омодагии кофӣ, тавсия барои ҷойгир намудан ба муассисаи махсус медиҳад, ин маънои дур мондани кӯдаки маъюб аз низоми таҳсил мебошад.

Аз нуқтаи назари стандартҳои байналмилалӣ радкунӣ бо сабаби маъюбият табъиз ҳисобида шуда, фиристодан ба муассисаи махсус ҷудосозӣ (сегрегатсия) маҳсуб меёбад.

Меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон давлатҳоро уҳдадор намудааст, ки таълими фарогирро дар ҳамаи зинаҳо таъмин намоянд, кӯдакони дорои маъюбиятро аз низоми таҳсили умумӣ хориҷ накунанд, мутобиқсозии оқилона фароҳам оваранд, дастгирии инфиродиро таъмин намоянд.

Дар мисоли ҳолатҳои ҷойдошта, қайд намудан зарур аст, ки боғчаи кӯдаконаи фарогир ин боғчаи оддӣ аст, ки дар он кӯдак бо асосҳои умумӣ қабул гардида, муҳит ва барномаҳои таълимӣ ба кӯдак мутобиқ карда мешавад.

Дар ин раванд, мувофиқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба муассисаҳои таълимии томактабӣ фаро гирифтани ҳамаи кӯдакони синни томактабӣ новобаста аз маъюбият ва ё дигар ҳолатҳои иҷтимоӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда истодааст. Яке аз чунин тадбирҳо ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисос барои омода намудани омӯзгорони кор бо кӯдакони

ақлан заиф, кӯдакони нобино ва сустбин, кӯдакони норасоиҳои нутқ ва шунавоидошта мебошад.

Новобаста аз амалигардонии барномаи таълими фарогир ва аз муҳтавои мурочиати модари кӯдаки маъюб маълум мегардад, ки корҳо дар самти фаро гирифтани кӯдакони маъюб ба таҳсилӣ инклюзивӣ давом дошта, татбиқи ин барнома дар амалия ба инобат гирифтани ниёзҳои ин гуна қишрҳои осебпазирро тақозо менамояд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони маъюбиятдошта дар самти ҳуқуқ ба баробарӣ ва манъи табъиз тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**-** ***тезонидани батасвибрасонии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон*****;**

**-** ***бартараф намудани мушкилоти техникии*** **"*корти ройгон*";**

**-** ***фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои маъюбон ва мутобиқкунии фаъолияти корхонаҳо ба ниёзҳои ин қишр*****;**

**-** ***мутобиқ намудани муҳити дастрас*****;**

**-** ***давом додани барномаи таълими фарогир ҷиҳати мониторинги иҷрои барнома дар амалия*****.**

## ХОТИМА

Маърузаи пешниҳодшуда натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи риояи ҳуқуқ ба баробарӣ ва пешгирии ҳама гуна шаклҳои табъиз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 мебошад. Дар ҷараёни таҳия ва баррасии маводди мазкур фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, таҷрибаи баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳолати амалии ҳифзи ҳуқуқи гурӯҳҳои осебпазир мавриди омӯзиши муфассал қарор гирифт.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли ҷорӣ заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои муқовимат ба табъиз тадриҷан ташаккул ёфта истодааст. Қабули қонуни махсус дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз қадами муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ ба шумор меравад ва иродаи давлатро дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон инъикос мекунад. Ҳамзамон, таҷрибаи амалӣ собит менамояд, ки танҳо мавҷудияти меъёрҳои қонунӣ барои таъмини баробарии воқеӣ кофӣ нест ва тақвияти механизмҳои иҷроия, назоратӣ ва институтсионалӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Дар рафти таҳлил муайян гардид, ки қисми зиёди мушкилоти мавҷуда ба набудан ё дер қабул шудани санадҳои зерқонунӣ, маҳдуд будани механизмҳои амалӣ, инчунин, сатҳи пасти огоҳии ҳуқуқии аҳолӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба гузаронидани экспертизаи зиддитабъизӣ, истифодаи васеи медиатсия, инчунин,

мониторинги мунтазами иҷрои қонунгузорӣ то ҳол ба таври кофӣ танзим нашудаанд. Ин ҳолат имкониятҳои пешгирӣ ва бартарафсозии табъизро дар амал маҳдуд месозад.

Маъруза, инчунин, нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои осебпазир, бахусус, шахсони дорои маъюбият, пиронсолон, нафақахӯрон ва баъзе категорияҳои иҷтимоӣ, бештар бо ҳолатҳои табъиз рӯ ба рӯ мешаванд. Мушкилоти муҳити дастрас, дастрасии маҳдуд ба таҳсил, шуғл ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин, мавҷудияти меъёрҳои алоҳидаи табъизӣ дар қонунгузории соҳавӣ аз ҷумлаи омилҳои асосии ин раванд ба ҳисоб мераванд. Ҳалли ин масъалаҳо муносибати фарогир ва ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо мекунад.

Яке аз хулосаҳои муҳимми маъруза дар он ифода меёбад, ки сатҳи пасти муроҷиатҳои шаҳрвандон на ҳамеша ба набудани мушкилот ишора мекунад, балки метавонад нишонаи дастрас набудани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ, сатҳи нокифояи эътимод ба институтҳо ва камбудии корҳои иттилоотию маърифатӣ бошад. Аз ин рӯ, тақвияти фаъолияти фаҳмондадиҳӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва сода гардонидани тартиби муроҷиат аҳаммияти хос дорад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлил, зарур шуморида мешавад, ки фаъолияти минбаъда дар самти пешгирии табъиз ба таҳкими ҳамкории байниидоравӣ, ҷалби фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ва истифодаи нишондиҳандаҳои дақиқи

мониторинг равона карда шавад. Ҷалби намояндагони гурӯҳҳои осебпазир ба таҳияи қарорҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад ба баланд шудани сифати фаъолият ва мутобиқ будани он ба ниёзҳои воқеии ҷомеа мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, маърузаи мазкур на танҳо ҷамъбасти фаъолияти анҷомёфта, балки заминаи таҳияи тадбирҳои минбаъда дар самти таъмини баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад. Татбиқи пайваста ва мақсадноки тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба коҳиши ҳолатҳои табъиз, баланд шудани сатҳи адолати иҷтимоӣ ва таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба ниҳодҳои давлатӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз вазифаи доимӣ ва муштараки давлат, ҷомеа ва ҳар як фард ба шумор меравад. Танҳо дар сурати ҳамкории самаранок, риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва назорати мунтазам метавон ба ташаккули ҷомеае ноил гардид, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон воқеан эҳтиром ва ҳифз карда мешавад.